**Созишнома**
**байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Федератсияи Россия дар бораи аз ҷониби Федератсияи Россия расонидани кумаки беподоши техникӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушд ва такмили низоми маъмурикунонии андоз**

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Федератсияи Россия, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд,

Бо дарназардошти муқаррароти банди 15 «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи андоз» Протоколи 17-уми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (минбаъд - Комиссия), ки 9 феврали соли 2021 дар шаҳри Москва ба имзо расонида шудааст ва банди 16 «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи андоз» Протоколи ҷаласаи 18-уми Комиссия, ки 9 ноябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шудааст, ба чунин мувофиқа омаданд:

**Моддаи 1**
**Мавзуи Созишнома**

1. Тарафҳо дар солҳои 2023-2025 ҳамкориро дар самти расонидани кумаки техникии беподош ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушд ва такмили низоми маъмурикунонии андоз (минбаъд – расонидани кумак) тибқи тартиби дар созишномаи мазкур пешбинишуда амалӣ менамоянд.

2. Бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои Созишнома Тарафҳо:

2.1. Мақомоти салоҳиятдори зеринро таъин менамоянд:

аз Тарафи Тоҷикистон - Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Кумита);

аз Тарафи Россия - Хадамоти федералии андози Россия (ХФА Россия);

2.2. Барои ба субъектҳои хоҷагидоре, ки мутобиқи Созишномаи мазкур корҳо ва чорабиниҳоро амалӣ менамоянд, ҷиҳати ҳаматарафа мусоидат намудан тадбирҳо меандешанд;

2.3. Дар бораи монеагиҳое, ки дар доираи амалӣ намудани Созишномаи мазкур ба миён меоянд, ба якдигар саривакт иттилоъ медиҳанд;

2.4. Маблағгузории чорабиниҳо оид ба иҷрои корҳо, хизматрасониҳо тибқи Нақшаи чорабиниҳо, ки замимаи №1 ва қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур (минбаъд - Нақшаи чорабиниҳо) буда, бо забони русӣ тартиб дода шудааст, ҳамчунин Талабот оид ба таркиб ва мазмуни корҳои иҷрошаванда, ки замимаи №1 ва қисми ҷудонашавандаи Нақшаи чорабиниҳо ба ҳисоб рафта, бо забони русӣ тартиб дода шудааст, аз Тарафи ХФА Россия тибқи тартиби муқарраршуда амалӣ карда мешавад.

2.5. Натиҷаҳои иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ё қисми онҳо мутобиқи Нақшаи чорабиниҳо (минбаъд – корҳо, хизматрасониҳо) тибқи тартиби пешбининамудаи Созишномаи мазкур ба Тарафи Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

3. Тарафҳо бо мақсадҳои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо дар ҳолатҳои зарурӣ гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳанд, ки ба ҳайати онҳо намояндагони мақомоти салоҳиятдори ҳар яке аз Тарафҳо ворид мегарданд.

## Моддаи 2
## Ӯҳдадориҳои мақомоти салоҳиятдор

1. ХФА Россия:

1.1. Чорабиниҳое, ки дар Нақшаи чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд, амалӣ менамояд;

1.2. Бо мақсади татбиқи Нақшаи чорабиниҳо тибқи талаботи қонунгузории Федератсияи Россия шахсеро, ки амалӣ намудани хариди молҳо, корҳо ва хизматрасониҳоро, ки ба расонидани кумак алоқаманд мебошанд, ҷалб менамояд (минбаъд - Иҷрокунанда);

1.3. Бо Иҷрокунанда бастани шартномаи давлатиро, ки дар он ӯҳдадориҳои зерини Иҷрокунанда пешбинӣ карда мешаванд, таъмин менамояд:

1.3.1. Иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо дар ҳаҷм ва мӯҳлатҳои дар Нақшаи чорабиниҳо пешбинишуда;

1.3.2. Таъмини огоҳонидани Тарафи Тоҷикистон на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи корӣ то санаи ба охир расонидани мӯҳлати иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо, ки дар Нақшаи чорабиниҳо пешбинӣ шудааст, дар бораи санаи пешниҳоди натиҷаҳои корҳо ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо;

1.4. Аз рӯйи натиҷаҳои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо пешниҳоди онҳоро ба Кумита ташкил менамояд;

2. Кумита:

2.1. Бо мақсади таъмини иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо аз ҷониби Иҷрокунанда ҳамоҳангӣ ва ташкили ҳамкориро бо дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ менамояд;

2.2. Ба Иҷрокунанда, ХФА Россия барои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бино ё биноҳо ва таҷҳизоти зарурии техникӣ ҷудо менамояд;

2.3. Барои Иҷрокунанда, ХФА Россия дастрасӣ ба маҳалли иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, инчунин ба биноҳо ва объектҳои дигари Кумита, ки барои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо зарур мебошанд, таъмин менамояд, агар чунин дастрасӣ барои иҷрои корҳо ба Иҷрокунанда лозим бошад;

2.4. Ба Иҷрокунанда, ХФА Россия дастрасии бемамониатро ба воситаҳои автоматикунонии бизнес-протсессҳои маъмурикунонии андоз, системаҳои иттилоотии Кумита, системаҳои иттилоотӣ-таҳлилии Кумита, сохтор ва модели иерархии махзани маълумоти Кумита, инфрасохтори иттилоотӣ-телекоммуникатсионии (минбаъд - инфрасохтори ИТ) Кумита, телекоммуникатсияҳо таъмин менамояд, агар чунин дастрасӣ ба иҷрокунанда ҷиҳати иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо лозим бошад ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳифзи иттилоот, иттилоот оид ба маълумоти шахсӣ ва сирри андози андозсупоранда вайрон накунанд;

2.5. Ба Иҷрокунанда, ХФА Россия маълумоти дархостшаванда, маводҳои дархостшавандаро пешниҳод менамояд, имконияти гузаронидани мусоҳибаро ташкил менамояд, агар маълумот, мавод ва мусоҳибаи мазкур барои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба Иҷрокунанда зарур бошанд ва пешниҳоди чунин иттилоот ва мавод қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳифзи иттилоот, иттилоот оид ба маълумоти шахсӣ ва сирри андози андозсупоранда вайрон накунанд;

2.6. Бо мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирокчиёни дигари табодули иттилоот дар доираи иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо тибқи Созишномаи мазкур ҳамкории иттилоотиро таъмин менамояд;

2.7. Дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии «Интернет» барои коммуникатсияҳои фаврӣ, гузаронидани видеоконференсияҳо ва дар масофа дастрас гардидан ба серверҳои тестӣ бо мақсади таҳияи таъминоти барномавии амалӣ, канали устувори баландсуръатро (на камтар аз 10 Мбит/сония) таъмин менамояд;

2.8. Инфрасохтори ИТ-и барои кор кардани таъминоти барномаи заруриро, ки дар доираи иҷрои корҳо аз тарафи Иҷрокунанда омода шудааст, таъмин менамояд;

2.9. Дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ пас аз ба имзо расидани Созишномаи мазкур шахси барои баррасии натиҷаи иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо ва минбаъда қабул ва супоридани натиҷаи иҷрои онҳо масъулро таъмин менамояд;

2.10. Дар давоми 10 (даҳ) рузи корӣ натиҷаҳои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ё қисми онҳоро, ки Иҷрокунанда пешниҳод намудааст, баррасӣ намуда, санади қабул ва супоридани натиҷаҳои иҷрои онҳоро ба имзо мерасонад. Муҳлати мазкур баррасии натиҷаҳои корҳо ё қисми онҳо ва ба имзо расонидани санади қабул ва супоридани натиҷаҳои корҳои иҷрошуда, хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

2.11. Ба ХФА Россия ҳисобот оид ба татбиқи таъминоти барномавии амалӣ (минбаъд - ТБА) доир ба маъмурикунонии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Нақшаи чорабиниҳо ҷорӣ карда шудааст, инчунин оиди натиҷаҳои истифодаи онҳо аз ҷониби Кумита дар доираи амалӣ намудани ваколатҳо ҷиҳати назорати риояи қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон аз рӯйи нишондиҳандаҳои бо мақомоти салоҳиятдори Тарафи Россия мувофиқашуда ва дар замимаи №2 ба Созишномаи мазкур, ки қисми ҷудонашавандаи он ба ҳисоб рафта, бо забони русӣ тартиб дода шуда, муқаррар шудааст, пешниҳод менамояд. Ҳисобот ҳарсола на дертар аз санаи 1 декабр дар давоми давраи сесола аз лаҳзаи ҷорӣ намудани ТБА-и мазкур оид ба маъмурикунонии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

3. Кумита ба ХФА Россия ҳуқуқ медиҳад, ки дар шабакаи иттилоотӣ - телекоммуникатсионии «Интернет», инчунин дар дигар манбаъҳои кушода нишондиҳандаҳои маҷмуӣ ва номушаххасро, ки дар асоси маълумоти дар боло нишондодашуда барои татбиқи ТБА ташаккул дода шудааст, бо мақсади муаррифӣ намудани натиҷаҳои кумаки беподоши техникӣ дар соҳаи такмили

равандҳои маъмурикунонии андоз ба Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидаи Федератсияи Россия, барои умум ҷойгир (нашр) намояд.

4. Ба расмият даровардани қабул ва супоридани натиҷаҳои корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо ба тариқи ба имзо расонидани санади қабул ва супоридани натиҷаҳои корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо аз ҷониби Иҷрокунанда, Кумита бо мувофиқа бо ХФА Россия дар шакли дар замимаи №3 Созишномаи мазкур овардашуда, ки қисми ҷудонашавандаи он ба ҳисоб меравад ва бо забони русӣ тартиб дода шудааст, анҷом дода мешавад.

5. Мубодилаи муросилот, ки бо қабул ва супоридани натиҷаҳои корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо алоқаманд мебошад, бо ҷалби операторони алоқаи почта амалӣ карда мешавад, ки имконияти аз ирсолкунанда ба гиранда дар мухлати на зиёда аз 3 (се) рӯзи корӣ дастрас намудани муросилоти почтавиро таъмин месозанд. Мухлати дастрас намудани муросилот ба мухлати қабул ва супоридани натиҷаҳои корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо дохил намешавад.

## Моддаи 3
## Моликияти зеҳнӣ

Тарафи Тоҷикистон тасдиқ менамояд, ки ҳуқуқҳо ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки дар таркиби натиҷаҳои корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо мавҷуданд, ё қисман мавҷуданд, аз Тарафи Кумита ё дигар намояндагони Тарафи Тоҷикистон истисноан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳуқуқи додан ба тарафҳои сеюм ва нашр дар дилхоҳ манбаъҳои иттилоотии кушод истифода мешаванд.

Ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, натиҷаҳои корҳои иҷрошуда ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо пас аз пешниҳод намудани натиҷаҳои корҳо ва хизматрасониҳо ё қисми онҳо тибқи банди 2.10. моддаи 2 Созишномаи мазкур ба Кумита мегузарад.

## Моддаи 4
## Тағйиру иловаҳо

Ба Созишномаи мазкур бо мувофиқаи мутақобилаи Тарафҳо метавонанд тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки қисми ҷудонопазири он ба ҳисоб рафта, бо протоколҳои алоҳида ба расмият даровarда мешаванд.

## Моддаи 5
## Баҳсу ихтилофот

Ҳама гуна баҳсу ихтилофоти марбут ба татбиқ ва (ё) тафсири муқаррароти Созишномаи мазкур алоқаманд, аз ҷониби Тарафҳо тавассути машварату ва гуфтушунидҳо ба танзим дароварда мешаванд.

**Моддаи 6**
**Муқаррароти хотимавӣ**

Ҳар иттилооте, ки Тарафи Россия тибқи бандҳои 2.4. ва 2.5. моддаи 2 Созишномаи мазкур аз Тарафи Тоҷикистон қабул менамояд, махфӣ ба ҳисоб рафта, метавонад танҳо бо мақсадҳои Созишномаи мазкур истифода шавад, наметавонад ба тарафҳои сеюм бе розигии пешакии хаттии Тарафи Тоҷикистон ифшо карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Федератсияи Россия муқаррар намудааст.

Созишномаи мазкур аз санаи ба имзо расонидан эътибор пайдо мекунад ва то иҷрои пурраи уҳдадориҳое, ки Тарафҳо ба зимма гирифтаанд, амал менамояд.

Дар шаҳри Душанбе 3 марти соли 2023 дар ду нусхаи аслӣ, ҳар яке бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба имзо расонида шуд, зимнан ҳарду матн эътибори якхела дорад.

| Аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби Вазорати молияи Федератсияи Россия |
|---|---|

**Соглашение**
**между Министерством финансов Республики Таджикистан и Министерством финансов Российской Федерации об оказании Российской Федерацией безвозмездной технической помощи Республике Таджикистан в целях развития и совершенствования системы налогового администрирования**

Министерство финансов Республики Таджикистан и Министерство финансов Российской Федерации, далее именуемые Сторонами,

Учитывая положения пункта 15 «О сотрудничестве в налоговой сфере» Протокола 17-го заседания Межправительственной комиссии по экономическому сотрудничеству между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (далее – Комиссия), подписанного 9 февраля 2021 года в городе Москве, и пункта 16 «О сотрудничестве в налоговой сфере» Протокола 18-го заседания Комиссии, подписанного 9 ноября 2022 года в городе Душанбе, согласились о нижеследующем:

**Статья 1**
**Предмет Соглашения**

1. Стороны в 2023 - 2025 годах осуществляют взаимодействие по оказанию безвозмездной технической помощи Республике Таджикистан в целях развития и совершенствования системы налогового администрирования (далее – оказание помощи) в порядке, предусмотренном настоящим Соглашением.

2. Для достижения целей настоящего Соглашения Стороны:

2.1. Назначают следующие компетентные органы:

от Таджикистанской Стороны – Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан (далее – Комитет);

от Российской Стороны – Федеральная налоговая служба России (далее – ФНС России);

2.2. Прилагают усилия для оказания всестороннего содействия хозяйствующим субъектам, реализующим работы и мероприятия в соответствии с настоящим Соглашением;

2.3. Своевременно информируют друг друга о препятствиях, возникающих в рамках реализации настоящего Соглашения;

2.4. Соглашаются, что финансирование мероприятий по выполнению работ, оказанию услуг в соответствии с Планом мероприятий, являющимся приложением №1 к настоящему Соглашению и его неотъемлемой частью, составленным на русском языке (далее – План мероприятий), а также Требованиями к составу и содержанию выполняемых работ, являющимся приложением №1 к Плану мероприятий и его неотъемлемой частью, составленным на русском языке, осуществляется ФНС России в установленном порядке;

2.5. Соглашаются, что результаты выполнения работ, оказания услуг или их части в соответствии с Планом мероприятий (далее – работы, услуги) передаются Таджикистанской Стороне в порядке, предусмотренном настоящим Соглашением.

2.6. Стороны в случае необходимости для целей выполнения работ и услуг создают рабочие группы, в состав которых включают представителей компетентных органов каждой из Сторон.

**Статья 2**
**Обязанности компетентных органов**

1. ФНС России:

1.1. Осуществляет мероприятия, предусмотренные Планом мероприятий;

1.2. В целях реализации Плана мероприятий привлекает в соответствии с требованиями законодательства Российской Федерации лицо, осуществляющее закупки товаров, работ и услуг, связанных с оказанием помощи (далее – Исполнитель);

1.3. Обеспечивает заключение государственного контракта с Исполнителем, в котором будут предусмотрены следующие обязательства Исполнителя:

1.3.1. Выполнение работ и услуг в объеме и сроки, предусмотренные Планом мероприятий;

1.3.2. Обеспечение уведомления Таджикистанской Стороны не позднее, чем за 10 (десять) рабочих дней до даты окончания срока выполнения работ и услуг или их части, предусмотренных Планом мероприятий, о дате представления результатов выполненных работ и услуг или их части;

1.4. По результатам выполнения работ и услуг или их части организовывает их передачу Комитету.

2. Комитет:

2.1. В целях обеспечения выполнения работ и услуг Исполнителем, осуществляет координацию и организационное взаимодействие с иными государственными органами Республики Таджикистан;

2.2. Предоставляет Исполнителю, ФНС России помещение или помещения и необходимое техническое оборудование для выполнения работ и услуг;

2.3. Обеспечивает доступ Исполнителю, ФНС России к месту выполнения работ и услуг, а также в необходимые для их выполнения помещения и иные объекты Комитета, если такой доступ требуется для выполнения работ Исполнителем;

2.4. Предоставляет Исполнителю, ФНС России беспрепятственный доступ к средствам автоматизации бизнес-процессов налогового администрирования, информационным системам Комитета, информационно-аналитическим системам Комитета, структуре и иерархической модели баз данных Комитета, информационно-телекоммуникационной инфраструктуре (далее ИТ-

инфраструктура) Комитета, телекоммуникациям, если такой доступ требуется Исполнителю для выполнения работ и услуг, и не нарушает законодательство Республики Таджикистан о защите информации, информации о личных данных и налоговой тайны налогоплательщика;

2.5. Предоставляет Исполнителю, ФНС России запрашиваемую информацию, запрашиваемые материалы, организует возможность проведения интервью, если указанные информация, материалы и интервью необходимы для выполнения работ и услуг Исполнителем и предоставление такой информации и материалов не нарушает законодательство Республики Таджикистан о защите информации, информации о личных данных и налоговой тайны налогоплательщика;

2.6. Обеспечивает информационное взаимодействие с государственными органами Республики Таджикистан, иными участниками информационного обмена в рамках выполнения работ и услуг по настоящему Соглашению;

2.7. Обеспечивает стабильный высокоскоростной (не менее 10 Мбит/сек) канал в информационно-телекоммуникационную сеть «Интернет» для оперативных коммуникаций, проведения видеоконференций и получения удаленного доступа к тестовым серверам в целях разработки прикладного программного обеспечения;

2.8. Обеспечивает ИТ-инфраструктуру, необходимую для функционирования программного обеспечения, разработанного в рамках выполнения работ Исполнителем;

2.9. В течение 5 (пяти) рабочих дней после подписания настоящего Соглашения назначает лицо, ответственное за рассмотрение результатов выполнения работ и услуг или их части и последующие прием-передачу результатов их выполнения;

2.10. В течение 10 (десяти) рабочих дней рассматривает результаты выполнения работ и услуг или их части, представленные Исполнителем, и подписывает акт приема-передачи результатов их выполнения. Указанный срок включает рассмотрение результатов работ или их части и подписание акта приема-передачи результатов выполненных работ, оказанных услуг;

2.11. Предоставляет в ФНС России отчеты о применении внедренного в соответствии с Планом мероприятий прикладного программного обеспечения (далее - ППО) по налоговому администрированию Республики Таджикистан, а также о результатах его использования Комитетом в рамках реализации полномочий по контролю за соблюдением налогового законодательства налогоплательщиками по показателям, согласованными с компетентным органом Российской Стороны и закреплённым в приложении № 2 к настоящему Соглашению, являющимся его неотъемлемой частью и составленном на русском языке. Отчеты предоставляются не позднее 1 декабря на ежегодной основе, в течении трёхлетнего периода с момента внедрения указанного ППО по налоговому администрированию Республики Таджикистан.

3. Комитет предоставляет право ФНС России публично размещать (опубликовывать) в информационно-телекоммуникационной сети "Интернет", а

также в иных открытых источниках агрегированные, обезличенные данные, сформированные на основе вышеуказанных показателей по применению ППО, с целью презентации результатов оказания Российской Федерацией безвозмездной технической помощи Республике Таджикистан в области совершенствования процессов налогового администрирования.

4. Оформление приема-передачи результатов выполненных работ и услуг или их части осуществляется посредством подписания Исполнителем, Комитетом и согласования ФНС России акта приема-передачи результатов выполненных работ и оказанных услуг по форме, приведенной в приложении № 3 к настоящему Соглашению, являющимся его неотъемлемой частью и составленном на русском языке.

5. Обмен корреспонденцией, связанной с приемом-передачей результатов выполненных работ и услуг или их части, осуществляется с привлечением операторов почтовой связи, обеспечивающих возможность доставки почтовых отправлений от адресанта адресату в срок, не превышающий 3 (три) рабочих дня. Сроки доставки корреспонденции не входят в сроки приема-передачи результатов выполненных работ и услуг или их части.

**Статья 3**
**Интеллектуальная собственность**

Таджикская Сторона подтверждает, что права на результаты интеллектуальной деятельности, которые содержатся или могут содержаться в результатах выполненных работ и услуг или их части используются Комитетом или иными представителями Таджикской Стороны исключительно на территории Республики Таджикистан без права передачи третьим сторонам и опубликования в любых открытых источниках информации.

Исключительное право на результаты интеллектуальной деятельности, результаты выполненных работ и услуг или их части переходит к Комитету после передачи результатов работ и услуг или их части в соответствии с пунктом 2.10. статьи 2 настоящего Соглашения.

**Статья 4**
**Изменения и дополнения**

По взаимному согласию Сторон в настоящее Соглашение могут вноситься изменения и дополнения, являющиеся его неотъемлемой частью, которые оформляются отдельными протоколами.

**Статья 5**
**Споры и разногласия**

Все споры и разногласия, связанные с применением и (или) толкованием положений настоящего Соглашения, регулируются Сторонами путем консультаций и переговоров.

## Статья 6
## Заключительные положения

Любая информация, полученная Российской Стороной от Таджикской Стороны в соответствии с пунктами 2.4. и 2.5. статьи 2 настоящего Соглашения, является конфиденциальной, может быть использована только в целях настоящего Соглашения, не подлежит раскрытию третьим сторонам без предварительного письменного согласия Таджикской Стороны за исключением случаев, установленных законодательством Российской Федерации.

Настоящее Соглашение вступает в силу с даты его подписания и действует до полного исполнения взятых Сторонами обязательств.

Совершено в городе Душанбе 3 марта 2023 года в двух подлинных экземплярах, каждый на таджикском и русском языках, причем оба текста имеют одинаковую силу.

**За Министерство финансов Республики Таджикистан**

**За Министерство финансов Российской Федерации**